Маълумотномаи асосноккунӣ
ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади дар амал татбиқ намудани муқаррароти меъёрҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали мансабии намунавии сармуҳосиб» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пешбинигардида, таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 26 январи соли 2022 ироа гардид, дар баробари дигар масъалаҳо, инчунин таъкид гардид, ки бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳатмии ҳарсола гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дар ин замина ҷалби сармояи хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Таҳияи лоиҳаи Қонуни мазкур аз ҳошияи гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва риояи меъёрҳои қонунгузории соҳавӣ сарчашма мегирад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» субъектҳои дорои манфиати умум вазифадоранд, ки ҳисоботҳои молиявии худро дар асоси Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода, аз аудити ҳарсолаи ҳатмӣ гузашта бошанд ва сармуҳосибонашон дорои сертификати муҳосиби касбӣ бошанд.

Бо ин мақсад аз ҷониби Вазорати молия ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар чунин субъектҳо мониторинг татбиқ карда шуд.

Гарчанде, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи стандартҳои байналмилалӣ тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, нашри ҳисоботи молиявӣ дар воситаҳои ахбори омма ва доштани сертификати муҳосиби касбиро барои сармуҳосибони субъектҳои дорои манфиати умум пешбинӣ намуда бошанд ҳам, вале барои содир намудани чунин кирдорҳо ва риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузории соҳа дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ нагардида, ҳамзамон салоҳияти мақомоти табиққунандаи он дар Кодекси мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудааст.

Илова бар ин, собит гардид, ки бо сабаби ҳаҷман кам пешбинӣ гардидани маблағи ҷарима барои саркашӣ ё мамониат намудан аз гузаштани аудити ҳатмии ҳарсола дар моддаи 648 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ субъектҳои болозикр иддао доранд, ки омодаанд маблағи ҷаримаи пешбинишударо пардохт намоянд, вале аз аудити ҳатмии ҳарсола нагузаранд.

Бинобар ин, зарурияти ворид намудани тағйирот ба моддаи 648 Кодекси болозикр дар таҳрири зайл: «Саркашӣ ё мамониат кардан аз гузаронидани аудити ҳарсолаи ҳатмӣ» ва дар ин замина татбиқ намудани муҷозотҳои маъмурӣ боиси баланд бардоштани масъулияти соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони мансабдор гардида, ба саривақт татбиқ гардидани талаботи қонунҳои болозикр заминагузор хоҳад буд.

Ҳамзамон, бо мақсади мавриди амал қарор додани талаботи меъёрҳои санадҳои болозикр ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ илова намудани моддаҳои алоҳида, аз ҷумла $648^1$, $648^2$, $648^3$, пешбинӣ гардидааст:

1. Моддаи $648^1$ Риоя накардани тартиб ва муҳлатҳои пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявӣ аз ҷониби субъектҳои дорои манфиати умум

Моддаи мазкур бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пешбинӣ гардидааст.

Новобаста аз он, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ вобаста ба муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ барои ташкилоту корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият фармоишҳои дахлдор ба тасвиб расонида мешаванд, вале аз ҷониби баъзе ташкилоту корхонаҳо дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисоботҳои мазкур пешниҳод намегарданд.

2. $648^2$ Моддаи Риоя накардани тартиби ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани сармуҳосиб

Моддаи мазкур бо мақсади иҷрои муқаррароти банди 3 Дастурамали мансабии намунавии сармуҳосиб, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, №359 тасдиқ шудааст, пешбинӣ гардидааст.

Тибқи банди 3 Дастурамали мазкур сармуҳосибони ташкилотҳои давлатӣ аз ҷониби молик дар мувофиқа бо мақомоти молияи дахлдор ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки иҷрои муқаррароти банди мазкур аз ҷониби роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ риоя намегардад ва ҳолати мазкур боиси таъин намудани шахсони тасодуфӣ ва аз лиҳози касбӣ ҷавобгӯ набуда, ба мансаби сармуҳосиби ташкилотҳои буҷетӣ гардида истодааст.

3. Моддаи 648$^{3}$. Риоя накардани тартиби барӯйхатгирии молу мулк, дороиҳо ва уҳдадориҳо

Моддаи мазкур бо мақсади иҷрои муқаррароти моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пешбинӣ гардидааст.

Тибқи муқаррароти моддаи мазкур барои таъмини боэътимоди маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ташкилотҳо уҳдадоранд, ки молу мулк, дороиҳо ва уҳдадориҳояшонро ба рӯйхат гиранд ва дар асоси мавҷудияти воқеии ин молу мулк, ҳолат ва нархгузории онҳоро санҷида, ба ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ намоянд.

Ворид намудани моддаи мазкур ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ масъулияти роҳбарон ва сармуҳосибони ташкилотҳоро баланд бардошта, дар ин замина ба саривақт иҷро намудани муқаррароти моддаи 16 Қонуни болозикр мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамзамон, дар робита ба тағйиру иловаҳои болозикри ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ воридшуда, ба моддаҳои 93 ва 129 Кодекси мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯи талаботи меъёрҳои иловашаванда, инчунин тобеиятии баррасии парвандаҳо, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд.

Ворид намудани тағйиру иловаҳои болозикр боиси боз ҳам баланд бардоштани ҳуқуқу уҳдадорӣ ва масъулияти сармуҳосибони ташкилоту корхонаҳо новобаста аз шакли моликият гашта, ба беҳтар гардидани хизматрасонии муҳосибӣ заминагузор хоҳад буд.

Лоиҳа тибқи тартиби муқарраршуда бо вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи

давлатӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст.

Зимни баррасии байниидоравӣ лоиҳаро Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ҷонибдорӣ намуда, Вазорати адлия ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳод манзур намуданд.

Пешниҳодоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни такмили лоиҳа ба инобат гирфита шуданд.

Лоиҳаи мазкур тибқи бандҳои 13-15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи қонунҳои мазкур мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, дар онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсионӣ вуҷуд надорад.

Қабули лоиҳаи қонунҳои мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд ва боиси ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ мегардад.

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон